# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи номзадии Акрамов Абдуҳалим Холович дар мавзуи “Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05.–Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ. Шаҳри Душанбе, 2025 с.**

Водии Рашт дар қисмати шимолу шарқии Тоҷикистон ҷойгир буда, иқлими ба худ хос дошта, ба минтақаи аз ҷиҳати экологӣ тоза мансуб буда, шароити хуби хокию иқлимӣ дорад, ки барои рушди соҳаи картошкапарварӣ мусоидат менамояд.

Мувофиқи нишондодҳо ҳарорати ҳавои мусбати он (+10°С) дар давоми сол 1800-2300°С-ро ташкил мекунад. Арзу тӯли фарохи водии Рашт ва ҳарорати нисбатан пасти он боиси паҳншавии зироатҳои гуногун, аз он ҷумла зироатҳои ғалладонагӣ, картошка ва дарахтони меваdиҳанда гардидааст.

Хокҳои минтақаи Рашт ба гурӯҳи хокҳои ҷигарии муқаррарӣ ва ҷигарии кӯҳӣ мансуб буда, миқдори гумуснокиаш дар ҳудуди то 1,70%-ро ташкил менамоянд. Солҳои охир бинобар сабаби тағйирёбии иқлим, зиёд шудани касаливу ҳашароти зарраррасон ва алафҳои бегона боиси камҳосилии зироатҳо гашта, маҳсулнокии навъу намунаҳои зироатҳо паст гардидаанд. Дар ин вобастагӣ, омӯзиш ва таҳияи технологияи мувофиқи парвариши навъҳои нави зироатҳо дар асоси хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионӣ дорои аҳамияти илмию амалӣ мебошад.

Диссертатсияи илмии Акрамов Абдуҳалим Холович дар мавзуи «Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт» ба самтҳои афзалиятноки соҳаи селексия ва тухмипарварӣ бахшида шуда, мазмун ва муҳтавои он ба шиносномаи ихтисоси 06.01.05–Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мутобиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Селексия ва тухмипарварӣ омилҳои асосии рушди соҳаи картошкаправарӣ ба шумор мераванд. Дар раванди ба даст овардани навъҳои нав ва тухмии баландсифати картошка, мутобиқгардонӣ ба шароитҳои гуногуни агроэкологии минтақаҳои парвариши навъу дурагаҳои ояндадор ва дар истеҳсолот ҷорӣ намудани онҳо, баҳри баланд бардоштани самаранокии соҳа метавонанд, нақши муҳимро бозанд. Рисолаи илмии мазкур маҳз ба дарёфти роҳҳои ҳалли масъалҳои зерин бахшида шудааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии диссертатсияи мазкурро

муаллиф дар он асосонок мекунад, ки бори аввал дар шароити кӯҳии мавзеи Лахши водии Рашт омузиши хусусиятҳои биологӣ, агроэкологӣ, селексионӣ ва мутобиқгардонии навъҳои нави интродуксионии картошка ба шароити номусоиди табиӣ дар радифи тағйирёбии иқлим омухта шуда, дар асоси омузиши ҳамаҷониба самаранокии иқтисодии парвариши навъҳои нави картошкаро дар минтақа муайян намудааст.

Акрамов А.Х., нуқтаҳои муҳими илмиро интихоб намуда, ба ҳимоя пешниҳод намудааст:

1.Омӯзиши хусусиятҳои морфобиологӣ ва агроэкологии навъҳои нави интродуксионии картошка дар шароити минтақаи кӯҳӣ муайян карда шуд;

2. Тобоварии навъҳои интродуксионии картошка ба омилҳои табиӣ вобаста аз тағйирёбии иқлим муайян карда шуд;

3. Маҳсулнокӣ ва ҳосилнокии навъҳои интродуксионии картошка дар шароити минтақаи кӯҳии водии Рашт баҳодиҳӣ карда шуд;

4. Алоқамандӣ байни аломатҳои гуногуни навъҳои картошка исбот карда шуда, самаранокии иқтисодии онҳо дар шароити минтақаи кӯҳӣ муайян карда шуд;

5. Навъҳои ояндадори картошка ва истифодабарии онҳо дар истеҳсолот ва селексия муайян карда шуд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Натиҷаҳои корҳои илмӣ таҳқиқотии муаллиф ҳамасола дар ҷаласаҳои Шурои олимони Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткорӣи АИКТ муҳокима карда шудаанд. Корҳои илмию таҳқиқотӣ, истифода бурдани усулҳои таҳлили натиҷаҳои илмии ба даст овардашуда ва муайян намудани самаранокии иқтисодии парвариши навъҳои картошка тибқи методикаи гузаронидани таҷрибаҳои саҳроии Б.А. Доспехов [1985] ба роҳ монда шуда, муайян намудани сатҳи сироятёбии навъҳои картошка аз касалиҳо аз рӯйи методикаи М.В. Бордукова [1967], гузаронида шудааст. Хулоса ва пешниҳодҳо ба таҳқиқоти илмӣ асос ёфтаанд. Инчунин натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва маҷаллаҳои тақризшаванда ба чоп расонида шудааст.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Кори диссертатсионӣ дар 150 саҳифаи матни компютерӣ дарҷ гардида, аз муқаддима, 6 боб, хулоса, тавсия ба истифодаи амалии натиҷаҳо, 16 замима ва рӯйхати адабиёти истифодагардида иборат аст. Рисолаи илмӣ бо 30 ҷадвал, 19 расм ва 23 диаграммаҳо ороиш дода шудааст. Рӯйхати адабиёти истифодагардида 170, аз ҷумла 8 адабиёти хориҷиро дар бар мегирад.

Дар муқаддима маълумот оид ба муҳиммияти мавзуи диссертатсия, сатҳи омӯзиши он, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, навгониҳо ва дигар зерҷузъҳо муфассал баён шудаанд. Омӯзиши хусусиятҳои биологӣ, агроэкологӣ, селексионӣ ва мутобиқшавӣ, ҳамчунин, самаранокии иқтисодии навъҳои интродуксионии картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт бори нахуст аз тарафи муаллиф гузаронида шудааст, ки моҳияти илмиву амалӣ дорад.

**Боби 1 «Таҳлили адабиёт оид ба масъалаи таҳқиқот»** ба 4 зербоб ҷудо карда шуда, оид ба таърихи пайдоиш ва аҳаммияти картошка дар таъмини амнияти озуқаворӣ, таърих ва тараққиёти соҳаи картошкапарварӣ дар Тоҷикистон, хусусиятҳои ботаникию биологии навъҳои картошка ва нақши селексия ба даст овардани навъҳои картошкаро дар бар мегирад. Ин боб дар ҳаҷми 22 саҳифа навишта шуда, ҳамчун асоси заминавӣ ба таҷрибаҳои амалии муаллиф алоқаманд мебошад.

**Боби 2**-юми диссертатсия дар бораи **«Шароит, маводҳои аввалия ва методикаи гузаронидани таҳқиқот»** мебошад. Боби дуюм аз 3 зербоб иборат буда, маълумот оид ба таркиби хоки маҳалли таҳқиқот, маълумоти шароити хоку иқлими минтақа, методҳо, объект ва усулҳои таҳқиқотро дар бар мегирад.

Дар боби 2-юми диссертатсия 5 ҷадвал ва 4 диаграмма ҷойгир карда шудааст, ки дар он маълумот дар бораи ҳарорати ҳаво ва боришоти атмосферии водии Рашт дар солҳои таҳқиқот қайд гардидааст.

Дар қисмати методикаи таҷриба бошад, оид ба омӯзиши хусусиятҳои агроэкологии навъҳои нави интродуксионии навъҳои Жуковский ранний, Вектер, Скарб, Манифест, Янка, Бриз, Палатс, Нера, Першасвет дар пойгоҳи таҷрибавии «Лахш»-и ноҳияи Лахши водии Рашт истифода гардидаанд.

**Боби 3**-юм дар бораи **«Натиҷаҳои таҳқиқот»** мебошад. Он ба 8 зербоб ҷудо шуда, оид ба агротехникаи парвариши картошка, давомнокии давраҳои сабзиш, ташаккулёбии аломатҳои морфологӣ дар навъҳои интродуксионии картошка, масоҳати сатҳи баргҳо, вазни узвҳои морфологӣ, маҳсулнокии навъҳои интродуксионӣ, ҳосилнокӣ ва массаи биологии навъҳои интродуксионӣ, алоқамандии аломатҳои навъҳои интродуксионӣ ва алоқамандии аломатҳои гуногун ба маҳсулнокӣ ва ҳосилнокии навъҳои картошка маълумоти муҳим ҷойгир карда шудааст. Дар ин боб муаллиф 20 ҷадвалу 18 диаграммаро ҷойгир намудааст. Дар ҷадвалҳои ҷойдодашуда оид ба номгӯйи чорабиниҳои агротехникӣ дар

қитъаи таҷрибавӣ, фарорасии давраҳои асосии рушди навъҳои картошка, давомнокии давраи нашъунамои навъҳои интодуксионии картошка, шумораи гулҳо дар навъҳои интродуксионии картошка, баландии қади ниҳолҳо, масоҳати сатҳи баргҳо, вазни баргу пояи тари навъҳои интродуксионии картошка, вазни решаи навъҳои картошка, вазни умумии баргу поя ва решаҳои картошка, шумораи лӯндаҳо, вазни миёнаи як лӯнда, маҳсулнокии навъҳои нави интродуксионии картошка, ҳосилнокии навъҳои нави интродуксионии картошка, ҳосилнокии миёнаи навъҳои интродуксионии картошка, вазни умумии биологии навъҳои картошка, алоқамандии байни миқдори муғҷаҳо ба шумораи гулҳо, алоқамандии аломатҳои масоҳати баргҳо ва баландии пояи растаниҳо маълумоти муҳим ҷойгир карда шудааст.

**Боби 4-ум** дар бораи **«Касалӣ ва зараррасонҳои картошка»** мебошад. Боби мазкур ба 2 зербоб ҷудо шуда, оид ба касалиҳои асосии картошка дар қитъаи таҷрибавӣ ва чораҳои мубориза бар зидди онҳо, дараҷаи осеббинии зироати картошка аз ҳашароти зараррасон маълумот медиҳад.

**Боби 5-ум** дар бораи **«Самаранокии иқтисодии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт»** мебошад. Дар ин боб муаллиф дар бораи хароҷотҳои истеҳсолии воқеӣ барои парвариши картошка дар майдони 1 гектар дар шароити ноҳияи Лахш ҷойгир намудааст. Дар ин қисмати диссертатсия 3 ҷадвал ҷойгир буда, маълумоти зарурӣ вобаста ба навъҳои картошка оварда шудааст.

**Боби 6-ум «Баррасии натиҷаҳои таҳқиқот»** номгузорӣ гардидааст. Дар ин қисмат унвонҷӯ натиҷаҳои ниҳоии кори диссертатсиониро дар шароити хоку иқлими водии Рашти ноҳияи Лахш ҷорӣ кардааст, ҳосилнокии картошка вобаста ба навъ аз 25,7 то 37,8 т/га ташкил додааст ва барои истифодабарӣ навъҳои Янка, Вектар, Скарб ва Бризро дар истеҳсолот тавсия намудааст.

**Хулоса** аз 5 банд иборат буда, натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмии мазкурро дар бар мегирад.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Аҳамияти таҳқиқотҳои илмӣ дар он аст, ки дар натиҷаи гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ оид ба хусусиятҳои биологӣ ва селексионии навъҳои интродуксионии картошка, донишҳои нав ба даст оварда, аз натиҷаи омӯзишҳо ба истеҳсолот пешниҳод намудани навъҳои ояндадори дорои ҳосили баланд ва хушсифати картошка мебошад.

Муаллиф бо истифода аз навъҳои иқтидори баланди мутобиқшавӣ ва ҳосилнокӣ дошта, дараҷаи даромаднокии парвариши навъҳоро ба

161,6% ва сатҳи фоидаро дар як гектар ба 58,38 ҳазор сомонӣ расонидааст, ки ин нишондиҳандаҳо аҳамияти иқтисодии кори диссертатсионро дар истеҳсолот нишон медиҳад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 7 мақола дар маводҳои Конференсияҳои ҷумҳуриявии илмиву назариявии АИКТ ва 2 мақолаи илмӣ дар Конференсияи байналмилалӣ ба чоп расидаанд, ки мазмуну мундариҷа ва муҳтавои асосии таҳқиқоти мазкурро дар бар мегиранд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ.** Диссертатсияи Акрамов Абдуҳалим Холович дар мавзӯи «Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт» дар асоси талаботҳои “Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия”, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493 тасдиқ шудааст, ҷавобгу мебошад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатиҳои оморӣ, имлои граматикӣ ҷой доранд, ки онҳоро метавон чунин баён намуд:

1. Дар рисола ғалатҳои имлоӣ ва риоя нагардидани мавқеи аломати вергул ба чашм мерасанд.
2. Дар саҳифаи 45-и диссертатсия диаграммаи 2.4 ҷойгир шуда, дар он ҳисоби миёнаи боришот моҳ ба моҳ нишон дода шудааст. Ҷамъи боришоти моҳона дар 12 моҳ ба 345,9 мм баробар гардидааст, аммо ченаки он (мм) нишон дода нашудааст.
3. Дар диссертатсия ҷадвалҳо ва диаграммаҳои хело зиёд ҷойгир карда шудаанд, ки метавон воҳидҳои 2-3 ҷадвалу диаграммаҳоро якҷо карда нишон медод.

Эродҳо ва камбудиҳои дар боло зикршуда, дар маҷмуъ, аҳамияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кори илмӣ таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Акрамов Абдуҳалим Холович дар мавзуи “Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт”, ки барои дарёфти

дарачаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ пешниҳод гардидааст, кори илмии бисёрсола ба шумор рафта, дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шуда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
муаллими калони кафедраи
агротехнологияи Донишгоҳи
давлатии Данғара, номзади
илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи
ихтисоси 06.01.01 – зироаткории
умумӣ, растанипарварӣ

Саидов Фахриддин
Муминович

*Суроға:* 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, ҷамоати деҳоти Оқсу,
деҳаи Сафобахш, хонаи 164.
Тел: (+992) 909-93-91-79.
E.mail: saidov79@mail.ru
10 сентябри соли 2025

Имзои номзади илмҳои кишоварзӣ
Саидов Ф.М.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Данғара

Тоирзода С.Т.

Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, шаҳраки Данғара,
кӯчаи Марказӣ, 25.
E.mail: info.dsu2013@gmail.com
Тел.: (+992) 83312 2-28-06.
10 сентябри соли 2025